**ХУЛОСАИ**

**комиссияи ташхиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-015-и назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ оид ба диссертатсияи Сафарзода Гулбегим Гурез дар мавзуи «Идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ» (дар мисоли корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширии шаҳри Душанбе), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) пешниҳод шудааст**

**аз** 20.09 **соли 2023.** **ш. Душанбе**

1. Мавзуи тадқиқоти диссертатсионии Сафарзода Гулбегим Гурез дар мавзуи «Идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ» (дар мисоли корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширии шаҳри Душанбе) таҳқиқоти мустақилона анҷомдодаи унвонҷӯ ба шумор меравад. Андешаҳои илмӣ, коркарди назариявию методологӣ, хулосаву тавсияҳо, ки барои пешрафти илми иқтисод метавонанд мусоидат намоянд, ба муаллифи диссертатсия мутааллиқ мебошанд. Ҳамаи корҳои иҷрогардида аз ҷониби диссертант мустақилона амалӣ гардида, дар онҳо мазмуни асосӣ ва натиҷаҳои бадастомада таҷассуми худро ёфтаанд. Тадқиқоти илмӣ масоили марбут ба идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ва пешниҳоди роҳҳои баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширии шаҳри Душанбе) дар асоси муайян намудани омилҳои таъсиррасон ташкил медиҳад. Дар раванди таҳқиқот муаллиф кӯшидааст, ки дар асоси омӯзиши адабиёти ватанию хориҷӣ асосҳои методологии омӯзиши идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатиро ба роҳ монад. Инчунин омилҳои ба фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти шириро муайян намуда, оид ба роҳҳои зиёд намудани фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширии шаҳри Душанбе тавсияҳои аз ҷиҳати илмӣ ассонокшударо пешниҳод намудааст.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 32 ва 33-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Он фарогири масоили марбут ба коркарди назариявӣ ва методии ташаккули фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ, арзёбии самтҳои

афзалиятноку тамоюли рушди он дар шароити муосир буда, дорои мазмун ва риояи низомнокии таҳлили мавод аст.

Сохтори диссертатсия ба талаботи муқарраргардида пурра мувофиқ аст. Диссертатсия дорои навгониҳои илмӣ буда, натиҷа ва нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд. Диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои таҳқиқшаванда дар соҳаи иқтисодиёти саноат мебошад, ки бо забони тоҷикӣ омода ва барои ҳимоя пешниҳод карда шудааст.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика), ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07-юми январи соли 2022, таҳти №11/ __ ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонида шудаанд ва ҳамаи онҳо ба мавзуи диссертатсия бевосита иртибот доранд. Дар интишороти илмӣ натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад.

5. Дар матни диссертатсияи Сафарзода Гулбегим Гурез истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳанд.

6. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Сафарзода Гулбегим Гурез маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи довталаб чопгардида мавҷуд намебошанд.

Комиссияи ташхис мутобиқи бандҳои 60, 61 ва 62-и Низомномаи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Сафарзода Гулбегим Гурез дар мавзуи «Идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ» (дар мисоли корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширии шаҳри Душанбе) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-015-и назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Бо пешниҳоди комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионӣ муқарризони расмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсия шахсони зерин муқаррар карда шаванд:

- **Комилов С.Ҷ.** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисод ва иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон;

- **Джумаев Уктам Мирзоёрович** – номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи иқтисодиёт ва менеҷменти Филиали донишгоҳи миллии таҳқиқотию технологии МИСИС дар шаҳри Душанбе.

3.Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон муқаррар карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи ошкоро ва ҷойгир намудани матни автореферат ва диссертатсия дар сомонаи муассиса ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳи иқтисодӣ, дотсент х.п.и.
Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Каримова М.Т.

**Аъзои комиссия:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, х.п.и.
Институти иқтисодиёт ва демография,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Маҳкамов Б.Б.

номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти
кафедраи Менеҷменти истеҳсолии
ДТТ ба акад.номи М.Осимӣ Сафаров Қ.А.